

НОМИ ЛОИҲА

Лоиҳаи Фонди Аврупо Эрасмус+ TRIGGER – Ҷалби равандҳои инноватсионӣ ва малакаҳои соҳибкорӣ барои донишҷӯён тавассути фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати бо кор таъминкунии хатмкардагони донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ



ТАМОС БО МО

Email: natasa.urbancikova@tuke.sk
Facebook: trigger-project-2021
Instagram: trigger-project-2021
Telegram: t.me/triggerproject
Youtube: TRIGGER-project-2021
LinkedIn: TRIGGER project

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

Disclaimer: The views and opinions expressed in this publication are the sole responsibility of the author(s) and do not necessarily reflect the views of the European Commission

www.trigger-project.com

НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ЛОИҲАИ ТРИГГЕР АЗ СОЛИ 2021 ТО 2024

Харидории адабиёт

Дар шароити иқтисоди бозоргонии имрӯза, таълими соҳибкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ муҳим аст. Мутахассисони муосир бояд на танҳо соҳаҳои мушаххаси худро азхуд кунанд, балки инчунин дарки қавии соҳибкорӣ ва асосҳои тиҷорат дошта бошанд. Дар доираи татбиқи лоиҳаи, мо барои харидории адабиёти тиҷоратӣ ва иқтисодӣ барои 10 мактаби олии Осиёи Марказӣ 50 000 евро сармоягузорӣ карда, донишҷӯён ва омӯзгоронро бо захираҳои зарурӣ муҷаҳҳаз гардида то ки дар таҳсил ва касби ояндаи худ муваффақ шаванд.



Таҳияи дастурамал ва харитаи роҳ

Мувофики талаботи лоиха хар як муассисаи шарик "Дастур оид ба мансаб, шуғл ва хидматрасонии корхона" ва "Дастурамал барои баланд бардоштани қобилияти шуғли хатмкунандагон дар МТОК" дар сомонаҳои муайян дастрасанд. Ин маводҳо бо забони давлатӣ ва ҳам бо забони англисӣ дастрас мебошанд. Илова бар ин, ҳуҷҷатҳо дар сомонаи расмии лоиҳа www.trigger-project.com ҷойгир буда, дар платформаи мутамарказ барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дастрас буда ва ҳамагон метавонанд бо худ гиранд.

Вохӯриҳо бо ҷонибҳои манфиатдор ва гузаронидани семинарҳо

Намояндаҳои муассисаҳои шарик аз ҳисоби омӯзгорон дар силсиласеминарҳои омӯзишӣ дар якҷоягӣ иштирок карданд. Дар марҳилаи оянда иштирокчиёни семинарҳои дар муассисаҳои барои донишҷӯёну омӯзгорон натиҷаи таҷрибаи андӯхтаи худро муаррифӣ намуданд. Марҳила ба марҳила иштирокчиён масъалаҳои асосиро баррасӣ намуда, кафолат доданд, ки тренингҳои пешниҳодшуда ба талаботи бозори меҳнат мутобиқат менамоянд.



Таҷрибаомӯзии донишҷӯён

Ҳар як муассисаи шарик бо корхонаҳои минтақаи худ шартномаи дуҷониба ба имзо расонида, донишҷӯёнро ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ сафарар намуданд. Бартарияти ин фаъолият аз он иборат аст, ки дар доираи лоиҳа бо донишҷӯён ва макони таҷрибаомӯзии онҳо ҳамкорӣ ва назорати сифати таҷрибаомӯзӣ ба роҳ монда шуд. Бартарии асосии ин фаъолият таъсиси ҳамкории мустаҳкам ва механизмҳои назорати сифат мебошад, ки донишҷӯён таҷрибаи воло мегиранд ва таҷрибаомӯзии онҳо ба стандартҳои баландтарини лоиҳа мувофиқат мекунанд.



Такмилдиҳии курсҳо бо дастгирии коршиносони ИА

Барои ташаккул додани малакаи соҳибкорӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат, муассисаҳои шарик курсҳои мавҷударо барои донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои гуногун азнавсозӣ карданд. Бо дастгирии коршиносони ИА барои таъмини самаранокии ин курсҳо барномаҳои мукаммали таълимӣ (Силлабус), аз ҷумла барномаҳои навшуда ва маводи курсӣ таҳия карда шуданд. Ин барномаҳо барои муҷаҳҳаз кардани донишҷӯён бо малакаҳо ва донишҳои муҳими соҳибкорӣ тарҳрезӣ шудаанд, ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар фаъолияти касбии худ бартарӣ пайдо кунанд ва дар корхонаҳои соҳибкорӣ муваффақ шаванд.


Муаррифии натиҷаҳои лоиҳа ба донишҷӯён ва омӯзгорон

Бо мақсади фарогирии бештари омӯзгорону донишҷӯён ба лоиҳа аз тарафи гурӯҳҳои кории лоиҳа, аз ҷумба бо иштироки коршиносии ИА натиҷаҳои лоиҳа муаррифӣ карда шуданд. Дар ин муаррифиҳо дастовардҳо ва манфиатҳои лоиҳа нишон дода шуда, таъсири он ба таҳсилот ва рушди касбӣ муаррифӣ гардид. Мақсад ва ҳадафҳои лоиҳа ба омӯзгорон ва донишҷӯёни бештар барои иштирок ва саҳмгузорӣ дар муваффақияти доимии он буд.



Таҳияи стратегияҳои устворӣ ва истисморӣ

Дар доираи лоиҳа бо мақсади таъмини адолат ва манфиатҳои ҳуқуқии шаҳвандон стратегияҳои Истисмор ва Устуворӣ ҳамчун ҷанбаи муҳими татбиқи бомуваффақияти натиҷаҳо ва бозёфтҳои лоиҳа дар ҳамаи муассисаҳои шарик таҳия карда шуданд. Ин стратегияҳо барои татбиқи бомуваффақият ва ҳамгироии натиҷаҳо ва бозёфтҳои лоиҳа дар тамоми муассисаҳои шарик аҳамияти ҳалкунанда доранд. Бо устуворӣ ва истифодаи самаранок, ин стратегияҳо ба ҳадди ақсар расонидани манфиатҳои лоиҳа барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, таъмини аҳамият ба муваффақияти доимии он дар оянда ноил шуданд.



Таҳияи ҳуҷҷати баланд бардоштани таълим ва рушди малакаҳои соҳибкорӣ

Ҳар як муассисаи шарик Харитаи роҳро оиди баланд бардоштани таълим ва рушди малакаҳои соҳибкорӣ таҳия кардааст, ки бо қонунгузории миллӣ мутобиқ карда шуда, ба манфиатҳои миллӣ нигаронида шудааст. Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун барои дастгирӣ ва такмил додани таҳсилоти соҳибкорӣ дар муассиа хизмат мекунад ва кафолат дода мешавад, ки ташаббусҳои дар доираи лоиҳа ҷорӣшуда идома меёбанд. Таваҷҷуҳи калидии ҳуҷҷат ба устуворӣ, муайян кардани чораҳо оид ба нигоҳдорӣ ва тавсеаи таъсири лоиҳа пас аз анҷоми он, ба ин васила мусоидат ба инноватсия ва рушди соҳибкорӣ дар ҷомеаи илмӣ мебошад.